Фурӯши нуқра дар баробари тилло рибо аст, магар ин ки [муомила] даст ба даст (яъне, якзамон) бошад. Гандум дар баробари гандум рибо аст, магар ин ки даст ба даст бошад. Ҷав дар баробари ҷав рибо аст, магар ин ки даст ба даст бошад. Хурмо дар баробари хурмо рибо аст, магар ин ки даст ба даст бошад

Аз Молик ибни Авс ибни Ҳадасон ривоят аст, ки гуфт: Ман омадам ва гуфтам: Кист, ки дирҳамҳоро иваз кунад? Талҳа ибни Убайдуллоҳ, ки назди Умар ибни Хаттоб (разияллоҳу анҳумо) буд, гуфт: Тиллоятро ба мо нишон деҳ, баъд биё, вақте ки хидматгорамон биёяд, ба ту нуқра медиҳем. Умар ибни Хаттоб (разияллоҳу анҳу) гуфт: Ҳаргиз! Савганд ба Худо, ё ту нуқраашро ба ӯ медиҳӣ, ё тиллояшро ба ӯ пас мегардонӣ. Зеро Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфтанд: "Фурӯши нуқра дар баробари тилло рибо аст, магар ин ки [муомила] даст ба даст (яъне, якзамон) бошад. Гандум дар баробари гандум рибо аст, магар ин ки даст ба даст бошад. Ҷав дар баробари ҷав рибо аст, магар ин ки даст ба даст бошад. Хурмо дар баробари хурмо рибо аст, магар ин ки даст ба даст бошад."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Молик ибни Авс, ки тобеӣ буд, мегӯяд: ӯ динори тилло дошт ва мехост онҳоро бо дирҳамҳои нуқра иваз кунад. Талҳа ибни Убайдуллоҳ (разияллоҳу анҳу) ба ӯ гуфт: Динорҳои худро ба мо нишон деҳ! Пас аз он ки қарор кард харидорӣ кунад, ба ӯ гуфт: Вақте ки хизматкори мо омад, ба назди мо биё, то ба ту дирҳамҳои нуқра диҳем. Умар ибни Хаттоб (разияллоҳу анҳу), ки дар он маҷлис ҳузур дошт ин навъи муомиларо напазируфт, савганд ёд кард, ки ё нуқраҳоро ҳозир медиҳӣ ё тиллои ӯро бармегардонӣ. Ӯ сабаби онро баён карда шарҳ дод, ки Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармудаанд, ки фурӯши нуқра бо тилло ва баръакс бояд фавран ва ҳамон ҷо рӯй диҳад, вагарна он савдо рибои манъшуда ва савдои ботил хоҳад буд. Пас тилло бо нуқра ва нуқра бо тилло, танҳо даст ба даст ва бо гирифтани мол дар ҳол фурӯхта мешавад. Ҳамчунин гандум бо гандум, ҷав бо ҷав ва хурмо бо хурмо фурухта намешавад, магар мисл ба мисл, вазн ба вазн ва паймона ба паймона ва даст ба даст. Ва ҳеҷ яке аз инҳо бо таъхир (насия) фурӯхта намешавад ва пеш аз гирифтани мол ҷудо шудан ҷоиз нест.